# ТАҚРИЗИ

**муқарризми расӣ ба диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзуи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Рисолаи унвонҷӯи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ба яке аз сарчашмаҳои хаттии нодири ибтидои асри XV, сафарномаи сафири испанӣ Руи Гонсалес Де Клавихо – «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқотии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич бешак мубрам буда, дар заминаи сарчашмаҳои мӯътамад ва таҳлили адабиёти илмии марбут ба мавзуъ таҳлил гардидааст. Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки диссертатсия аз рӯи он пешниҳод шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир меёбад, ки дар таҳқиқи ин ё он марҳалаи таърихӣ, хосатан асрҳои миёна, нақши сафарномаҳо хеле муҳим аст, зеро муаллифони онҳо шоҳиди бевоситаи воқеаҳои овардаашон мебошанд.

Мубрамияти мавзуи мазкур боз дар он хулоса мешавад, ки маводҳои бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводҳои теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Дуруст аст, ки доираи мавзуоти фарогирифтаи сафарномаи Клавихо "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» хеле фаррох аст, аммо пеш аз ҳама он барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик ва ҳудуди таърихии сукунати тоҷикон, яъне Мовароуннаҳру Хуросон, дар қарни темурӣ, муҳим аст.

Нововарии бадастомадаи илмии диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М. дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси маводи рисолаи мавриди таҳқиқ ва асарҳои таърихиву илмии дигар ба зиндагиномаи Клавихо равшанӣ андохта шуд, сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» муайян карда шудаанд, ҳангоми баррасии рисолаи мавриди таҳқиқ маводҳои нави зиёде ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иртиботдошта дарёфт гардида, дар асоси баррасиҳои татбиқӣ дараҷаи дурустӣ ва саҳеҳии маводҳои таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола муайян гаштанд ва маводҳои нави таърихии рисолаи мавриди таҳқиқ ба гардиши илмӣ ворид шудаанд.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 2 бобу 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт ва манобеъи истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиш, тавсифи умумии кор (робитаи он бо барнома ва мавзӯҳои илмӣ), мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбавӣ, навгониҳо, муқарарот ва аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот оварда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз анҷоми баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти

он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иборат аст.

Навоварии илмии диссертатсия дар таҳқиқи маҷмӯии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо ҷалби дигар манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад.

Дар таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантиқии таҳлили илмӣ, истифода шудаанд.

Дар баробари нусхаҳои ҷудогонаи рисолаи Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» муаллиф барои қиёс сарчашмаҳои дигари марбут ба ин давра, аз ҷумла «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зиндагии шигифтовари Темур» («Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»)-и Шаҳобуддин Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Ҳанафии Димишқӣ маъруф ба Ибни Арабшоҳ (1388–1450), «Зафарнома»-и Мавлоно Шарафуддин Алии Яздӣ (ҳудуди соли 790 ҳ.қ.-858 ҳ.қ. /1388-1454), «Равсату-с-сафо фи сират-ил-анбиё ва-л-мулук- ва-л-хулафо»-и Мирмуҳаммад ибни Саидбурҳонуддини Ховандшоҳ маъруф ба Мирхонд (1433-1498), «Ҳабибу-с-сияр» -и Хондамир ва ғайраро истифода намудааст.

Дар пешгуфтори рисола мубрам будани мавзӯи таҳқиқот баён шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, чаҳорчуби замонӣ ва ҷуғрофиёӣ, заминаҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, навоварии илмӣ, муқарраротi ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ, апробатсия ва сохтори диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия «Сохтор ва мазмуни бобҳои рисолаи Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406) » унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Маълумотҳо дар бораи муаллиф ва рисолаи ӯ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» доир ба зиндагиномаи Клавихо маълумот дода мешавад. Бояд гуфт, ки роҷеъ ба зиндагиномаи муаллифи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» дар адабиёти мавҷуда қариб, ки маводҳои зарурӣ вуҷуд надоранд. Он иттилооти начандон зиёде, ки ба мо дастрасанд, аз асари мавриди таҳқиқ гирифта шудаанд.

Зербоби дуюми боби аввал «Сохтор ва тавсифи мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» унвон гирифта, муаллифи диссертатсия ин рисоларо аз рӯи мазмун шартан ба 15 бобҳо ҷудо намудааст.

Таҳлили мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)» нишон медиҳад, ки муаллиф ҳангоми сафари худ ба Самарқанд аз шаҳрҳо, ҷазираҳо ва маҳалҳои аҳолинишин гузашта он мавзеъҳоро дар рӯзномаи сафари худ тасвир карда ба мавқеи ҷойгиршавии онҳо, канданиҳои фоиданок ва ҷойҳои ҷолиби диққати махсус додааст.

Зербоби сеюми боби аввал «Маълумотҳои таърихӣ-ҷуғрофии Руи Гонсалес де Клавихо» ном дошта, Руи Гонсалес де Клавихо ҳангоми сафар ба дарбори Темур ба Самарқанд, аз бисёр шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин гузашта буд, ки доир ба он мавзеъҳо дар асари худ маълумоти пурарзише овардааст, ки онҳо барои муайян кардани мавқеъ ва нақши ин ё он шаҳр дар давраи мавриди таҳқиқ аҳамияти калони илмиро дороанд. Барои ба маълумоти ҷуғрофии дар асар овардашуда баҳои объективӣ дода салоҳияти онро дар илми

таърихнигорӣ муайян намудан муаллиф ахбори Клавихоро бо маълумоти маъхазҳои хаттии асримиёнагии дигар муқоиса намуда, саҳеҳии онҳоро муайян намдааст.

Боби дуюми рисола «Бозтоби баъзе ҳаводиси таърихии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XIV – ибтидои асри XV дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Ахбори шарҳиҳолӣ роҷеъ ба Темурланг ва баъзе аз намояндагони хонаводаи ӯ дар рислаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» зикр гардидааст, ки Руи Гонсалес де Клавихо тамоми ахборе, ки роҷеъ ба шарҳи ҳоли Темурланг дар рисолааш сабт кардааст, дар масири сафараш ба Самарқанд, ки ба қаламрави давлати Темурланг аз шимолу ғарби Эрон ворид гардид, ҳини суҳбатҳо бо ашхоси гуногун гирд овардааст. Аз ин рӯ ахбори шарҳиҳолии Темурланг дар асари Клавихо ба таври муназзам зикр нашуда, балки вобаста ба мавзеъҳо ва шахсиятҳое, ки ба ин ва ё он воситае ба шарҳи ҳоли Темурланг робитае доранд, муаллиф матлабе баён мекунад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Муқаррароти маросими пазироии сафирон ва базморой дар дарбори Темурланг бино ба ахбори «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» муаллиф таъкид мекунад. ки ахборе, ки Клавихо дар асараш дар бораи пазироии ҳайати испанӣ дар қаламрави давлати Темурланг дар тӯли сафараш ва дар Самарқанд дар дарбори ӯ баён мекунад, хеле муҳим буда, суроғи аксари он матолибро дар дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр пайдо намекунем.

Дар зербоби сеюми боби дувум «Муносиботи Темурланг бо ду рақиби сиёсиаш – Туқтамишхон ва Йилдирим Боязид тибқи ахбори Клавихо» муаллиф ахбори Клавихо ва дигар манобеи таърихии ин

даврро дар бораи ду рақиби Темурланг – Туқтамишхон (1342-1406) ва Йилдирим Боязид таҳлилу тавзеҳ медиҳад.

Муаллиф ба маврид хулосае меояд, ки ахбори Клавихо роҷеъ ба муносиботи ду ҳокими турки таҷовузгари асри миёнагӣ – султон Йилдирим Боязид ва Темурланг дар асоси шунида ва дидаҳояш бисёр муҳим буда, ба ҳангоми қиёс бо матолиби ҳамсони дар манобеи таърихии дигар вуҷуддошта воқеияти худро ба исбот расонидаанд.

Дар хулоса муаллиф ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам манфии мавзуҳои зикршударо овардааст, ки арзиши илмии корро дучанд мекунад.

Дар маҷмуъ дисертатсияи унвонҷӯ Ҷонмуродов Ш. таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, матни зербобҳо бо номи онҳо комилан мувофиқ буда, ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда комилан ҷавобгӯ аст. Хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида ба таври илмӣ асоснок карда шуда, боэътимоданд.

Автореферат бо мазмуни фишурдаи диссертатсия пурра мутобиқат менамояд ва натиҷаҳои асосии илмии рисола дар як монография ва ёздаҳ мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашр расидаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаву натиҷаҳои таҳқиқот дар навиштани таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, таҳияи курси лексияи "Таърихи халқи тоҷик" ва фанни "Манбаъшиносӣ", инчунин барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва гуманитарӣ донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Рисолаи мазкур аз камбудиҳои ҷузъӣ низ орӣ нест, ки муҳимтарини он инҳоянд:

1. Ба назари мо хуб мешуд, ки зербоби аввал «Зиндагиномаи Руи Гонсалес де Клавихо" номгузорӣ шуда қисмати дуюми зербоб (асари муаллиф) бо зербоби дуюм, Сохт ва тавсифи мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» якҷо карда шавад.
2. Баъзе мавзуҳое, ки муаллиф дар рисола ба онҳо дахл кардааст, ба таҳлилу хулосабарории амиқтар ниёз доранд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 31 ӯ менависад "ҳангоми тасвир кардани шаҳри Андхуй муаллиф (Клавихо) забони тоҷикиро бо форсӣ муқоиса карда, қайд мекунад, ки забони тоҷикӣ, ки аҳолии ин шаҳр бо он ҳарф мезананд, қадре аз забони форсӣ тафовут дорад", дар васфи шаҳрҳои Мовароуннаҳр, нақши Сарбадорон дар сари қудрат расидани Темур ва ғайра.
3. Дар диссертатсия баъзе ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки дар баёни бархе масъалаҳо диссертант фақат маълумоти Руи Гонсалес де Клавихоро инъикос намуда, онҳоро бо ахбори маъхазҳои таърихӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти олимони соҳаи таърихи давраи Темуриён муқоиса накардааст.
4. Дар рисола баъзе нуқсҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Сарфи назар аз мавҷудияти ин гуна камбудихои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, таҳкикоти мазкур кори пухтаву мукаммал буда, дар рафти ҳалли вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда як катор нуқтаҳои назариявие таҳия карда шудааст, ки онҳоро дар маҷмуъ ҳамчун дастоварди илмии диссертант қаламдод кардан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ш. М. Ҷонмуродов дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-

1406)»-и Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” ба талаботи пешбининамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Ш.М. Ҷонмуродов сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

***Муқаррizi расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*** ***Мирзоқосим Каримзода***

*Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент М.Каримзодаро тасдиқ менамоям:*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ* *Миртоҷоев И.Ҳ.*

*Суроға:735700,ш.Хуҷанд.мкн.17.х,1*
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Моб:(92)722-01-00*
*Тел:+9923422 2 38 11*
*E-mail: kasim_1984@mail.ru*
*04.11.2022с.*